# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 17 апрели соли 2021, №74** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 тадқиқоти диссертатсионии Сайфуллозода Сулаймон дар мавзӯи «Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10. – Молия, гардиши пул ва қарз (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Шарипов Баҳром Маҳмудович; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи танзими асъори Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷураев Беҳзод Машрафович, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои иқтисодӣ Одинаев Ҳ.А., Султонов З.С., Низомов С.Ф.- ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Сайфуллозода Сулаймон, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

Диссертатсияи Сайфуллозода Сулаймон, дар мавзӯи: «Мукаммалгардонии амалиёти асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10. – Молия, гардиши пул ва қарз ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

1. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

2. Ба Сайфуллозода Сулаймон дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

3. Аз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Сайфуллозода Сулаймонро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи Шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

***Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,***
***доктори илмҳои иқтисодӣ,***
***профессор*** ***Исайнов Ҳ.Р.***

***Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,***
***номзади илмҳои иқтисодӣ,***
***дотсент*** ***Саидмуродова М.А.***